**КВД БССТ «САНОАТСОДИРОТБОНК»**

**ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИЕ, КИ МУТОБИҚИ ТАЛАБОТИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БА САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 ТАҲИЯ КАРДА ШУДААСТ**

## МУНДАРИЧА:

МАСЪУЛИЯТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ОМОДАСОЗӢ ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ....................2

ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ....................3-5

ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ....................6

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ....................7

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ....................8-9

ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯИ ХУДӢ....................10

ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ....................11-39

## Масъулияти роҳбарият оид ба ҷавобгарӣ барои омодасозӣ ва тасдиқ намудани ҳисоботи молиявӣ дар даврае, ки санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расидааст

Тасдиқоти зерин бояд бо дарҷи ӯҳдадориҳои аудиторон, ки дар ҳисоботи аудиторони мустақил пешниҳод шуда бо мақсади ҷудо намудани ҷавобгариҳои аудиторон ва роҳбарият нисбати ҳисоботи молиявии КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" (минбаъд дар матн- «Бонк») якҷоя дида баромада шавад.

Роҳбарияти Бонк барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ, ки аз ҳама ҷиҳатҳои муҳим ҳолати молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағирот дар сармояи худиро дар даврае, ки 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расидааст мутобиқи талаботи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ (минбаъд дар матн «СБҲМ») дуруст инъикос мекунад ҷавобгар аст.
Ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти Бонк барои:

- Интихоби принсипҳои зарурии баҳисобгирии муҳосибавӣ ва минбаъд истифодабарии онҳо;
- Риояи талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ва ошкор кардани фаркиятҳои муҳим аз СБҲМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ; ва
- Омодасозии ҳисоботи молиявӣ бо назардошти он ки Бонк фаъолияти худро дар оянда дур ба ғайр аз ҳолатҳое, чунин ҳисобидан ғайриимкон аст идома медиҳад ҷавобгар аст.

Роҳбарият инчунин барои:

- Коркард, амалӣ намудан ва таъмини амал намудани системаи самаранок ва боэътимоди назорати дохилии Бонк;
- Доштани системаи баҳисобгирии муҳосибавие, ки дорои имкони дар лаҳзаи дилхоҳ бо амиқии кифоя маълумот оиди ҳолати молиявии Бонкро мувофиқи талаботи СБҲМ тайёр карда тавонад;
- Будани баҳисобгирии муҳосибавӣ тибқи талаботҳои қонунгузорӣ ва стандартҳои муҳосибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Андешидани чораҳо дар доираи марбути худ барои таъмини нигоҳдории дороиҳои Бонк;
- Ошкор ва пешгирии далелҳои қаллобӣ, хатогиҳо ва дигар намуди суиистифодабариҳо ҷавобгар аст.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои даврае, ки 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расидааст аз тарафи Раёсати Бонк тасдиқ шудааст.

**Аз номи КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"**

**Раиси Раёсат** | **Сармуҳосиб**

**Бобозода Ҳ.Ч.** | **Ҳотамов К.Д.**

## ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

**Ба Раёсат ва Раиси Раёсати**
**КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"**

### Ақида бо тавзеҳ

Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳоднамудаи КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" (минбаъд - «Бонк»)-ро, ки ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2021 ва ҳисоботи дахлдорро дар бораи маҷмӯи даромадҳо, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағиротҳо дар сармояи худӣ дар соле, ки дар санаи зикргардида ба итмом расидаанд, инчунин изҳори мухтасари принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳҳоро нисбати ҳисоботи молиявии мазкурро дар бар мегирад ба итмом расонидем.

Ба ақидаи мо ба истиснои эҳтимолияти таъсири натиҷаҳои масоили дар қисмати "Асос барои ибрози ақида бо тавзеҳ" дарҷшудаи ҳисоботи мо ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда дар тамоми ҷанбаҳои худ вазъи ҳақиқии молиявии Бонкро ба санаи 31-уми декабри соли 2021, инчунин натиҷаҳои молиявии он ва ҳаракати воситаҳои пулиро дар тули соле, ки дар санаи зикргардида ба охир расидааст мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

### Асос барои ибрози ақида бо тавзеҳ

**Ҳисобкунии беқурбшавии дороиҳо-** Ҳангоми таҳияи ҳисоботӣ молиявии мазкур Бонк беқурбшавии қарзҳоро мувофиқи дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон №215 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва ФПТИ аз рӯи қарзҳо" ҳисоб намудааст, ки аз талаботи СБҲМ 9 "Фишангҳои молиявӣ" фарқ мекунад. Бо сабаби он, ки Бонк талабот оиди баҳодиҳии дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоро мувофиқи талаботи СБҲМ 9 "Фишангҳои молиявӣ"-ро дар амал татбиқ накардааст, бинобар ин мо натавонистем, ки таъсири истифодаи стандарти мазкурро ба дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоро дар давраи ҳисоботӣ муайян намоем. Далели мазкур натиҷаи қарори Роҳбарият мебошад.

### Масъалаҳои муҳими аудит

Масъалаҳои муҳими аудит –ин масоиле мебошанд, ки онҳо мутобиқи муҳокимаи касбии мо барои аудити ҳисоботи молиявии мо барои соли ҷорӣ бештар муҳим арзёбӣ гардидаанд. Ин масъалаҳо дар матни ҳисоботи молиявии мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи мо дар бораи ин ҳисобот баррасӣ гардида аст ва мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.

**Сармояи оинномавӣ-** Аз тарафи муассис қарори даҳдор дар бораи зиёд намудани сармояи оинномавӣ ба маблағи 180 млн. сомонӣ қабул шудааст ва маблағи он аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 30 декабри соли 2020 дар асоси супоришномаи пардохтӣ пурра пардохт гардида ба расмият дароварда шудааст.

**Баҳсҳои судӣ-** Мо диққатро ба эзоҳи 6 ҷалб менамоем, ки он маълумот оиди баҳсҳои судии аз ҷониби Бонк даъвошударо ошкор менамояд. Нисбати Бонк даъвои судӣ мавҷуд нест.

**Ҳодисаҳои пас аз давраи ҳисоботӣ ба амал омада-** Мо диққатро ба эзоҳи 7 ҷалб менамоем, ки он маълумот оиди ҳодисаҳои пас аз давраи ҳисоботӣ ба амал омадаро ошкор менамояд.

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии аудит (СБА) гузаронидем. Ӯҳдадориҳои мо мутобиқи ин стандартҳо дар қисмати "Ӯҳдадориҳои аудитор"-и хулосаи мо дарҷ шудаанд. Мо нисбати Бонк мувофиқи талаботҳои этикии ба аудити ҳисоботи молиявии мазкур истифодашаванда вобастагӣ надорем. Аз тарафи мо инчунин дигар тартибҳои этикӣ иҷро шуданд, ки талаботҳои этикӣ муайян намудаанд. Мо чунин меҳисобем, ки далелҳои аудитории комил ва заруриро барои ибрози ақида бо тавзеҳро гирифтем.

## Масъулияти роҳбарият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявӣ

Масъулият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявии мазкур ва мувофиқати он ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба зиммаи роҳбарияти Бонк вогузор карда шудааст. Масъулияти мазкур аз таъсис додан, ҷорӣ ва дастгирӣ намудани сохтори назорати дохили ҷиҳати омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисоботи боэътимоди молиявӣ, ки дар худ таҳрифҳои ҷиддӣ дар натиҷаҳои суиистифодабариҳои молиявӣ, ҳамчунин натиҷаи хатогӣ надоранд; интихоб ва татбиқи сиёсати дахлдори баҳисобгирӣ, инчунин татбиқи баҳодиҳии муҳосибавии асоснок иборат мебошад.

## Масъулияти аудитор

Вазифаи мо аз изҳори ақида ҷиҳати дуруст будани ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронидаи мо иборат мебошад. Мо аудитро мутобиқи талаботҳои Стандарти байналмилалии аудит ба анҷом расонидем. Стандартҳои мазкур аз мо риоя намудани меъёрҳои этики, инчунин ба нақшагирӣ ва гузаронидани аудитро бо мақсади боварии комил ҳосил намудан, ки ҳисоботи молиявӣ дорои таҳрифҳои ҷиддӣ намебошад талаб менамоянд. Аудит дар худ анҷом додани амалиётҳое, ки ба гирифтани далелҳои аудити нисбати нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва эзоҳ ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад. Интихоби амалиётҳои зарурӣ аз фикру ақидаи касбии аудитор асос меёбад, ки аз он ҷумла баҳо додан ба хавфи муҳими таҳрифи ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи суистифодаи молиявӣ ё хатогиҳо асос мегирад. Баҳодиҳии чунин хавфҳо, баррасии сохтори назорати дохилиро аз рӯи омодасозӣ ва дуруст будани ҳисоботи молиявӣ бо мақсади коркарди амалиётҳои аудитие, ки дар ҳолатҳои мазкур татбиқ мешаванд дар бар мегирад, на бо мақсади изҳори фикру ақида нисбати самаранокии сохтори назорати дохила асос меёбад. Аудит таҳлили принсипҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва муҳимияти баҳодиҳиро, ки аз ҷониби роҳбарият омода шудааст, инчунин баҳодиҳии умумиро нисбати ҳисоботи молиявӣ дар бар мегирад.
Дар доираи санҷиши аудит мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит мо ақидаҳои касбии худро дар давоми санҷиш нигоҳ медорем.

Мо инчунин:

- Хавфи таҳрифи ҳисоботи молиявии вобаста ба қаллобӣ ё ин ки хатогиҳоро муайян менамоем ва баҳодиҳӣ менамоем, барои таъмин намудани далели кофӣ вобаста ба чунин хавфҳо санҷиши аудиторӣ мегузаронем ва далелҳои кофӣ ба даст меорем;

- низоми назорати дохилиро на бо мақсади баҳо додан ба самаранокии он, балки бо мақсади таҳияи мушоҳидаҳои аудиторӣ ки барои ҳолатҳои мувофиқ дахл дорад меомӯзем;
- барои ба мавқеъ истифода бурдани сиёсати ҳисобдорӣ ва асоснок будани маълумотҳои дар эзоҳот дарҷкардаи Роҳбарият баҳо медиҳем;
- дар асоси истифодаи бамавқеъ ва мунтазами низоми муҳосибии доимӣ проседураҳои аудиториро барои муайян намудани номуайянниҳои назаррас вобаста ба ҳодиса ва воқеаҳо, ки метавонанд шубҳаҳои ҷиддиро оид ба фаъолияти Бонк ҳамчун субъекти фаъолияти худро дар оянда идомадиҳанда ба амал меоранд анҷом медиҳем.
- оиди аз тарафи роҳбарият мақсаднок истифода бурдани принсипи мунтазами фаъолияти баҳисобгирии муҳосибавӣ ва дар асоси далелҳои гирифташуда муайян намудани он ки оё номуайянии муҳим нисбати ҳодиса ва шароитҳое,ки дар оянда қобилияти Бонкро барои идома додани фаъолият зери шубҳа мебаранд хулосабарорӣ мекунем. Хулосаҳои мо дар асоси далелҳои аудитории то санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ гирифта асос меёбанд. Минбаъд ҳодисаҳо ва шартҳои оянда ба амал меомада ба гум кардани қобилияти Бонк барои идомаи фаъолият оварда мерасонанд;
- дар маҷмӯъ баҳодиҳии пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, сохтор ва мазмуни он бо назардошти тавзеҳоти маълумот, инчунин таъмини саҳеҳии пешниҳоди амалиётҳои аз он ҳодиса ва шартҳо асосёфтаро мегузаронем.

Мо инчунин ба шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ тасдиқнома оиди аз тарафи мо риоя намудани тамоми талаботҳои этикӣ нисбати мустақилият ирсол менамоем, онҳоро оиди ҳамаи муносибатҳо ва дигар масъалаҳое,ки мумкин аст ба мустақилияти аудиторон таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ – оиди чораҳои дахлдори эҳтиётӣ огоҳ намудем.

**Дустов Сафарбек Савриддинович**

**Директори ҶДММ «Консултант Аудит»**

**Шаҳодатномаи тахассусии аудитори бонкӣ №57 аз 08 январи соли 2014**
**Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон- БМТ №0000139 аз 29 апрели соли 2021**

**ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**19 апрели соли 2022**



734012, ш. Душанбе, Тоҷикистон, кӯч. Айни 24А, 4-ум ошена. Утоки 404
Тел.: моб.: +992 918 36 00 88, тел.: офис.: +992 44-620-59-61
e-mail: info@audit.tj, www.audit.tj

## ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА ВА ЗИЁН ВА ДИГАР ДАРОМАДҲОИ УМУМӢ

дар соли санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расида

| Моддаҳо | Эзох | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 4.1 | 44 962 381 | 15 592 172 |
| Хароҷоти фоизӣ | 4.2 | (172 410) | - |
| **Даромади холиси фоизӣ** | | **44 789 971** | **15 592 172** |
| Хароҷоти ташаккули ФПТИ аз рӯи дороиҳо | 4.3 | (7 299 448) | (48 832 362) |
| Хароҷоти захираи умумӣ | 4.4 | (1 438 046) | (3 475 000) |
| **Фоида (зиён) амалиётӣ** | | **36 052 476** | **(36 715 190)** |
| Даромад аз хизматрасониҳои комиссионӣ | 4.5 | 589 434 | - |
| Харҷоти хизматрасониҳои комиссионӣ | 4.6 | (535 574) | (352 388) |
| Даромадҳо бо тарҳи хароҷот аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 4.7 | (8 775) | (17 795) |
| Даромадҳо бо тарҳи хароҷот аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 4.8 | (59 751) | - |
| Дигар даромадҳои амалиетӣ | 4.9 | 15 836 407 | 7 273 787 |
| Хароҷоти идоравӣ ва дигар хароҷоти амалиётӣ | 4.10 | (17 110 284) | (4 310 427) |
| **Фоида (зиён) то андозбандӣ** | | **34 763 933** | **(34 122 013)** |
| Андоз аз фоида | 4.11 | (5 474 592) | (1 758 311) |
| **Фоидаи соф (зиён)** | | **29 289 341** | **(35 880 324)** |

ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДА «БОНКИ САНОАТИВУ СОДИРОТИИ ТОҶИКИСТОН» «САНОАТСОДИРОТБОНК» ҶСК

**Раиси Раёсат**

**Бобозода Ҳ.Ҷ.**

**Сармуҳосиб**

**Ҳотамов К.Д.**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба 01 январи соли 2022

| | Эзох | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ дар хазина | 5.1 | 5 600 632 | - |
| Суратҳисобҳои муросиллотӣ дар БМТ | 5.2 | 12 975 461 | 260 529 167 |
| Захираҳои ҳатмӣ дар БМТ | 5.3 | 256 537 | - |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 5.4 | 5 769 585 | 7 785 273 |
| Қарзҳои додашуда ба мизоҷон | 5.5 | 189 405 299 | 109 904 237 |
| Фоизҳо барои гирифтан | 5.6 | 556 896 | 74 530 |
| Сармоягузорӣ ба қоғазҳои қимматнок | 5.7 | 200 225 594 | - |
| Дороиҳои ҷории дигар | 5.8 | 4 818 471 | 9 418 609 |
| Воситаҳои асосӣ | 5.10 | 72 968 189 | 684 525 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 5.11 | 2 828 722 | - |
| Ҳуқуқи иҷора ва такмил | 5.12 | 130 099 | - |
| Андоз аз фоидаи мавқуфгузошташуда | 5.13 | 67 905 | 25 884 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **495 603 390** | **388 422 224** |
| | | | |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | 5.14 | 7 885 512 | - |
| Фоизҳо барои пардохт | 5.15 | 151 719 | - |
| Андозҳо барои пардохт | 5.16 | 4 246 206 | 400 440 |
| Фонди умумӣ аз рӯи дороиҳои фаъол | 5.17 | 4 913 046 | 3 475 000 |
| Ӯҳдадориҳои ҷории дигар | 5.18 | 6 289 363 | 414 696 |
| **Ҳамагӣ ухдадориҳо** | | **23 485 846** | **4 290 136** |
| | | | |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи саҳомии пардохташуда | 5.19 | 380 000 000 | 200 000 000 |
| Сармояи изофа | 5.19 | 58 696 114 | 180 000 000 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 5.19 | 33 421 430 | 4 132 088 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **472 117 544** | **384 132 088** |
| **Ҳамагӣ ӯхдадориҳо ва сармоя** | | **495 603 390** | **388 422 224** |

КВД БОНКИ САНОАТИВУ СОДИРОТИИ ТОҶИКИСТОН «САНОАТСОДИРОТБОНК»

**Раиси Раёсат** **Сармуҳосиб**

**Бобозода Ҳ.Ҷ.** **Ҳотамов К.Д.**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

дар соли санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расида

| | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз рӯи фаъолияти амалиётӣ** | | |
| **Фоидаи (зиён) то андозбандӣ** | **34 763 933** | **(34 122 013)** |
| **Тасҳеҳи фоида то андозбандӣ:** | | |
| Хароҷоти фарсоиш ва истеҳлоки дороиҳо | 1 483 822 | 147 868 |
| Хароҷоти ФПТИ | 8 737 494 | 52 307 362 |
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳо | (15 822 714) | (7 242 766) |
| Хароҷоти ҳисобкунии захира барои рухсатиҳои истифоданашуда | 403 178 | 58 875 |
| Хароҷоти андози фоида | - | (1 758 311) |
| Тасҳеҳи хароҷоти соли гузашта | 18 443 | - |
| Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда | 95 000 | 65 000 |
| Дигар даромадҳои ҳисобкардашуда | (13 339) | (11 335) |
| Даромади фоизӣ аз амалиёти коғазҳои қимматноки БМТ | (4 484 570) | - |
| Фоида (зарар) аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 59 751 | 17 795 |
| **Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ то тағирёбии дороиҳои амалиётӣ ва ӯҳдадориҳо** | **25 240 997** | **9 462 475** |
| **Тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:** | | |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси қарзҳои мизоҷон | (69 797 702) | 9 663 593 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дороиҳои дигар | 4 600 138 | (9388370) |
| Афзуншавӣ\камшавии захираҳои ҳатми дар БМТ | (256 537) | - |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси гарави гирифташуда барои фурӯш | (1 057 295) | (2 683 655) |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси фоизҳо барои гирифтан | (668 181) | - |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси амонатҳои мизоҷон | 7 885 511 | - |
| Афзуншавӣ\камшавии фоизҳои ҳисобшуда барои пардохт | 151 719 | - |
| Афзуншави\камшавии холиси дигар андозҳо | (20 656) | (19 770) |
| Афзуншавӣ\камшавии андоз аз фоида барои пардохт | (1 547 942) | (575 454) |
| Дигар пардохтҳо ба буҷа | | (230 941) |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дигар ӯҳдадориҳо | 4 766 176 | (988 880) |
| **Ҳаракати холиси воситаҳои пулӣ то тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:** | **(55 933 432)** | **(4 223 477)** |
| **Гардиши холиси воситаҳои пулӣ аз рӯи фаъолияти амалиётӣ** | **(30 692 434)** | **5 238 998** |
| **Гардиши воситаҳои пулӣ аз рӯи амалиётҳои фаъолияти маблағгузорӣ** | | |
| Хариди таҷҳизот ва моликият | (14 824 891) | (22 485) |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | (3 067 475) | - |
| Хариди коғазҳои қиматнок | (1 543 884 670) | - |
| Воридоти маблағи коғазҳои қиматнок | 1 348 500 709 | - |

| | | |
|---|---|---|
| **Гардиши холиси воситаҳои пулӣ аз рӯи амалиётҳои фаъолияти маблағгузорӣ** | **(213 276 327)** | **(22 485)** |
| **Гардиши воситаҳои пулӣ аз рӯи амалиётҳои молиявӣ** | - | |
| Ҳиссагузорӣ ба сармояи изофа | - | 180 000 000 |
| **Гардиши софи накдина барои амалиётҳои фаъолияти молиявӣ** | - | **180 000 000** |
| **Афзуншавии холиси накдина** | **(243 968 761)** | **185 216 513** |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **268 314 439** | **83 097 926** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охири сол** | **24 345 678** | **268 314 439** |

**Раиси Раёсат** **Сармуҳосиб**

**Бобозода Ҳ.Ҷ.** **Ҳотамов К.Д.**

КВД БОНКИ САНОАТИВУ СОДИРОТИИ ТОҶИКИСТОН «САНОАТСОДИРОТБОНК»

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯ

дар соли санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расида

| | Сармояи саҳомии пардохташуда | Фоидаи тақсимнашуда | Сармояи изофа | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Бақия дар 01 январи соли 2020** | **-** | **28 404 948** | **-** | **28 404 948** |
| Саҳмгузори ба сармояи оиномавӣ | 200 000 000 | - | - | **200 000 000** |
| Фоидаи соф (зиён) | - | (35 880 324) | - | **(35 880 324)** |
| Гузаронидани маблағгузории мақсаднок | - | 12 649 000 | - | **12 649 000** |
| Зиёдшавии сармояи изофавӣ | - | - | 180 000 000 | **180 000 000** |
| Тасҳеҳи фоидаи тақсимнашуда | - | (1 041 536) | - | **(1 041 536)** |
| **Бақия дар 31 уми декабри соли 2020** | **200 000 000** | **4 132 088** | **180 000 000** | **384 132 088** |
| Саҳмгузори ба сармояи оиномавӣ | 180 000 000 | - | (180 000 000) | - |
| Фоидаи соф (зиён) | - | 29 289 341 | - | **29 289 341** |
| Зиёдшавии сармояи изофавӣ | - | - | 58 696 114 | **58 696 114** |
| **Бақия дар 31 уми декабри соли 2021** | **380 000 000** | **33 421 429** | **58 696 114** | **472 117 543** |

**Раиси Раёсат** — **Сармуҳосиб**

**Бобозода Ҳ.Ҷ.** — **Ҳотамов К.Д.**